Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (7340025,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки 17)

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.

Афзоиши муҳоҷирати ғайриқонунӣ омили бесуботкунандаи тамоми ҷомеа буда, сабаби афзоиши ҷинояткорӣ дар як қатор соҳаҳои ҳаёти кишвар мегардад. Ба қаламрави кишвар ворид гардидани муҳоҷирони ғайриқонунӣ пеш аз ҳама ба амнияти давлатӣ таҳдид мекунад. Муҳоҷирони ғайриқонунӣ ба гурӯҳҳои ҷиноятӣ ҳамроҳ мегарданд, фаъолияти ғайриқонунии меҳанатиро анҷом медиҳанд, тиҷоратӣ ғайриқонуниро амалӣ мекунанд, аз супоридани андозҳо саркашӣ менамоянд, бозори беназорати молу хизматрасониро ба вуҷуд меоранд, паҳннамоии молҳои қалбакӣ ва маҳсулоти пастсифатро амалӣ месозанд. Бинобар ин мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд» дар замони муосир актуалӣ мебошад.

Аз мазмуни автореферат чунин бармеояд, ки муаллиф нақшаи корро хуб тарҳрезӣ намуда, тибқи он таҳлилро анҷом намудааст. Рисола аз 2 боб ва 8 зербоб иборат мебошад.

Дар автореферати диссертатсия мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқот, объект ва предмети мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои методологӣ, асосҳои назариявии таҳқиқот ва меъёрӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя манзуршаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври зарурӣ муқаррарот пешбинӣ гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаоҳои илмии муаллиф инъикос гардидааст.

Навгониҳои илмии муаллиф, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд қобили дастгирӣ мебошанд. Ҳамзамон нисбат ба баъзе муқарраротi асосии ба ҳимоя манзургардида таваҷҷӯҳ зоҳир намудан муҳим мебошад.

Аз ҷумла баъзе муқаррароти алоҳидаи таҳқиқот ба таври мушаххас изҳори назар намудани муаллифро тақозо менамоянд.

Аз ҷумла дар нуқтаи якум бо мақсади мукаммал гардонидани қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқамананд муаллиф дар мафҳуми «ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ» мушахас намудани чунин шаклҳои зоҳиршавии онро номбар менамояд: бо роҳи таъмини воситаҳои нақлиётӣ ё ҳуҷҷатҳои қалбакӣ, манзили зист ё дигар биноҳо, ё расонидани дигар хизматрасониҳо (саҳ. 9). Аммо, мазмуни воқеии ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ метавонад аз доираи ин рӯйхат берун барояд.

Таҳлили муқаррароти автореферати мазкур гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии номбурда ҳамчун таҳқиқоти мустақили илмӣ-тахассусӣ ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 ноябри соли 2016, 505 тасдиқ гардидааст ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он муаллифи Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва
шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Н.Маҳмадуллозода

Имзои Маҳмадуллозода Н.Р-ро
тасдиқ мекунам: Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсус Д. Қаландарова